# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ)**

Диссертатсияи номзадии Ш.Ғ. Исмоилов дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрами психология, тақвияти раванди инсонгароии муносибатҳои байнишахсӣ бахшида шудааст. Муаллифи дар заминаи таҳлилу таҳқиқ ва баррасии маводҳо, сарчашмаҳои илмии мухталифи фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва таҷрибаи пешқадами психологии худ диссертатсияро таҳия намудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Сохтор ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ), аз ҷумла, ба банди 30 – сохтори шахсият; масъалаи тафовути инфиродӣ ва типологияи шахсият; соҳаи маънавию ахлоқии шахсият; таносуби олами ботинӣ ва берунии инсон; равияи шахс, самтёбиҳои ҳаётӣ ва арзишнок; худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ; образи «Ман»; худмуайянкунии шахс; кирдор ҳамчун категорияи шахсиятӣ; қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи шахс; худамалисозии шахс; такомули шахсият; эътидол ва патологияи шахс; солимии психологии шахс; банди 35 – психологияи муносибатҳо; психологияи мақсадгузорӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯ Исмоилов Шокирҷон Ғуломович мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши психологияи иҷтимоӣ дар самти такмил додани соҳаи маънавию ахлоқӣ ва худамалисозиву худвоқеиятбахшии шахс алоқамандӣ дошта, мубрам маҳсуб меёбад. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро гуанизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ чун масъалаи мубрами иҷтимоию психологӣ ва педагогӣ ифода менамояд, ки таҳқиқи он бо истифода аз раҳёфтҳои байнифаннӣ амалӣ гардида, ҳамгироии муносибатҳоро дар самти инсонгароии ҳаёти наврас дарбар мегирад. Дар ин ҷо генезиси механизмҳои психологии ворид намудани бачаҳо ба гуманизатсияи ҳамкориҳо ҳамчун субъекти муносибат маҳз мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дода шудааст.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия татбиқи механизмҳои психологии таҳқиқшаванда, моҳияти мафҳуми «гуманизатсия» ва интихоби шароитҳои мусоиди психологию педагогии ҷалб кардани наврасонро ба раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар ҷомеа, инчунин натиҷаҳои эҳтимолии

инкишофи шахсии онҳоро муайян менамояд, яъне тағйирёбии вазъияти иҷтимоии инкишофи кӯдакон дар марҳилаҳои гуногуни синнусолӣ генезиси механизмҳои психологиро муайян мекунад.

Муҳаққиқ ба шахсияти солим ва пайваста инкишофёфбанда таваҷҷуҳ доштани намояндагони психологияи гуманистиро ба маврид қайд кардааст, ки ҳадафи он худвоқеиятбахшӣ ба шумор рафта, онҳо шахсияти инсонро бо тамоми мураккабию нотакрор буданаш дар маркази таҳқиқоти худ қарор додаанд. Озодии худифоданамоии фард ба сифати баландтарин арзиш арзёбӣ гардида, маҳз ҳамин мақсадгузориҳо барои гуманизатсияи маориф аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Муаллиф инсондӯстиро яке аз хусусиятҳои хоси шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта ва муҳимтарин таъсиргузории ӯ ба муҳити иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст. Зеро аён аст, ки солҳои охир бо баробари мураккаб гаштани вазъи иҷтимоию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, вусъат ёфтани таҳдиду хатарҳои замони муосир, бисёртар аз ҳама арзиши Истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот, ваҳдату ягонагии миллӣ, қадрият ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва дар маҷмӯъ, пойдории давлатдории миллӣ масъалаи мубрам гардида, таҳқиқи роҳу воситаҳо ва усулҳои муосири мавзуи мавриди назар амри зарурӣ ва ниёз ба ковишҳои илмӣ гаштааст.

Муҳим будани кори таҳқиқотии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович боз дар он ифода меёбад, ки таҳқиқи иҷтимоию психологии раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки давраи мусоиди он ба синни наврасӣ рост меояд, гузаронида шудааст. Нақши калон доштани муносибатҳои инсонгароёнаро ҳамчун ҷузъи таркибии муҳимтарини ҳаёту фаъолияти одамон ва пойдевори муносибатҳои иҷтимоӣ дар такмилёбии арзишҳои олии инсонии шахсияти хештаншиносу фаъол нишон додааст.

Ҳамчунон муаллифи диссертатсия вазъияти тарбиявиро чун ҷузъи таркибии раванди таълим ба сифати механизми асосии пешбарандаи раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ истифода бурдааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро дар давраи наврасӣ ошкор карда, шароитҳои психологии таъминкунандаи самаранокии ин механизм муайян карда шудааст. Меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккулёбандагии равияи гуманистии шахсияти наврас дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ, динамикаи инкишофи раванди мустақилият дар зери таъсири механизмҳои гуманизатсия муқаррар гаштааст. Инчунин дар доираи эксперименти

ташаккулдиҳанда барномаи тренинг (машғулияти омӯзишӣ)-и «Гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» таҳия гардидааст, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ равона шудааст.

Нуктаҳои илмии зерин ба ҳимоя пешниҳод шудаанд:

- Ҳамгироии механизмҳои психологии ташаккул додани шахсият имкон медиҳад, ки механизми гуманизатсияи ҳамкории байнишахсӣ ҳамчун омили асосии худвоқеиятбахшии наврас дар ҷомеа ҷудо карда шавад.
- Дар низоми ягонаи ташаккули шахсияти наврас, раванди шаклгирӣ ва ташаккулбии мустақилият, ҳамчун навташкилаи низомофар амал мекунад. Нақши он аз давраи наврасӣ то ҷавонӣ афзуда, муваффақияти худмуайянкунии касбӣ ва иҷтимоишавиро муайян мекунад.
- Равияи шахс ҳамчун як падидаи махсуси психологӣ, аз рӯйи вазифаҳои худ, дараҷаи ҳамгироӣ бо дигар хосиятҳои низомофари шахсият ва механизмҳои ташаккулёбӣ беназир буда, барои омӯзиши он татбиқи раҳёфти нави полипарадигмавӣ дар асоси ҳамгироии раҳёфтҳои назариявӣ ва методологӣ (назарияи фарҳангӣ-таърихӣ, назарияи муносибатҳо, раҳёфти субъектӣ-фаъолият, раҳёфти системавӣ ва психологияи гуманистии шахсият) зарур аст.
- Натиҷаи интегративии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ, дар ҳамбастагӣ бо худвоқеиятбахшӣ – ин ташаккулёбии сифатҳои худшиносии субъекти қобилияти интихоби бошуурона, фаъол ва мустақилдошта, тобовар ба таъсироти манфии ҷомеа ва дорои симои маънавию ахлоқӣ мебошад.
- Вазъияти тарбиявӣ ҳамчун механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки бо дарназардошти дараҷа ва хусусиятҳои наврас сохта шудааст, ба фаъолсозии захираҳои субъективии ӯ мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки раванди худтарбиякунӣ, худидоракунӣ ва худинкишофдиҳӣ тақвият дода шавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии олимони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеоянд. Хулоса ва

тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардида, дар онҳо дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, назарӣ ва амалии диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назариии мавзуи диссертатсияи номзадии Ш.Ғ. Исмоилов дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи таҳқиқи гуманизатсия дар илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ муайян ва асоснок гардида, ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология мавриди тафсири дақиқ қарор дода шуданд. Муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон аз ҷиҳати иҷтимоӣ-психологӣ тавсиф дода шуда, нақши пешбаранда доштани иҷтимоишавӣ ҳамчун омили худвоқеиятбахшӣ дар синни наврасӣ асоснок карда шуд. Ҳамчунон дар ҷараёни баррасӣ унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки механизмҳои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ дар асоси интегратсияи раҳёфтҳои гуногуни назариявию методологӣ муайян ва асоснок карда шаванд. Ба ғайр аз ин, меъёр ва роҳҳои рушди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасон зимни машғулиятҳои таълимӣ ва кори иҷтимоию психологӣ оид ба гуманизатсияи раванди муносибатҳои байнишахсӣ ошкор гардид.

**Аҳаммияти амалии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои дар рафти тадқиқот бадастовардашуда, хулосаю тавсияҳои рисолаи илмӣ ҳангоми коркарди барномаҳо барои психологҳои соҳаи таҳсилот ва маслиҳатдории психологӣ, дар раванди таълим, дар лабараторияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дар ҳалли масъалаҳои ташаккулёбии шахсияти наврас дар шароити муосир истифода бурда мешавад. Натиҷаҳои диссертатсияро инчунин дар коркард шудани курсҳои нави таълимию методии «Назарияи шахсият», «Психологияи синнусолӣ», «Психологияи тафриқавӣ», «Психологияи педагогӣ», «Асосҳои ташхиси психологӣ», «Психологияи гуманистӣ» барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалавр ва магистрантон аз рӯйи ихтисоси «Психология» дидан мумкин аст. Маводи диссертатсия ба тадқиқотчиён ва мутахассисони соҳаи психология ва педагогика ҳамчун роҳнамо хизмат карда метавонад. Маҳз ҳамгироии механизмҳои психологии ташаккул додани шахсият имкон медиҳад, ки механизми гуманизатсияи ҳамкории байнишахсӣ ҳамчун омили асосии худвоқеиятбахшии наврас дар ҷомеа ҷудо карда шавад. Вазъияти тарбиявӣ бошад, чун механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ ба фаъолсозии захираҳои субъективии наврас мусоидат намуда, имкони тақвият бахшидани раванди худтарбиякунӣ, худидоракунӣ ва худинкишофдиҳиро фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, унвонҷӯ Ш.Ғ. Исмоилов дар психологияи

иҷтимоӣ аз лиҳози интихоби мавзуъ ва тарзи хоси муносибат ба он пажуҳиши навро пешниҳод менамояд.

**Қисмати асосии тадқиқот.** Диссертатсияи номзадии Ш. Ғ. Исмоилов дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳкиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрам будани мавзуи тадқиқот, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи тадқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии тадқиқ, сарчашмаҳои тадқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои тадқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки дар рушди психологияи тоҷик ва дар самти шинохту тадқиқи мавзуи мавриди назар аҳаммияти калони илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «**Ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ**» фарогири чор зербоб аст ва дар онҳо оид ба пажуҳишҳое, ки аз ҷониби муҳаққиқон доир ба масоили гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ сурат гирифтааст, маълумот дода шудааст. Дар зербоби аввал «Ҷанбаҳои иҷтимоию психологии назарияҳои гуманистӣ дар педагогика» пажуҳиши сарчашмаҳои муаммои гуманизм, паҳлӯҳои иҷтимоӣ-педагогии он оварда шудааст. Зербоби дуюм «Генезиси ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология» проблемаи фаҳмиши психологии гуманизм, моҳияти он ҳамчун механизми асосии рушди шахсӣ (иҷтимоишавӣ) ҳаллу фасли худро дарёфтааст. Дар зербоби сеюм «Тавсифи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон» гуфта мешавад, ки дар психология масъалаи шахсият аз ҷиҳати омӯзиш яке аз мушкилтарин масъалаҳо муаррифӣ мегардад ва дар тули таърихи рушди ин соҳаи илм борҳо эътироф шудааст,

ки омӯзиши пурраи масъалаи мазкурро дар доираи назарияи алоҳидаи психологӣ маҳдуд кардан ғайриимкон аст, зеро он серҷанбаю беҳамто буда, махсусияти худро дорад. Зербоби чорум «Иҷтимоишавӣ ҳамчун омили рушди худвоқеиятбахшӣ дар синни наврасӣ» номгузорӣ гардида, дар он оиди ҷараёни иҷтимоишавии шахс ва вижагиҳои он сухан меравад.

Боби дуюми диссертатсия «**Таҳқиқи иҷтимоӣ-психологии раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ**» фарогири чор зербоб аст ва сухан дар бораи ташкил ва таҳлили натиҷаҳои кори озмоишӣ меравад. Зербоби аввал «Асосноккунӣ ва ташкили кори озмоишӣ» ба муайян кардани мазмун ва сохтори механизмҳои психологӣ дар асоси омӯзиш ва тавсифи хусусиятҳои шахсият, рафтор ва фаъолияти ӯ дар ин ё он вазъият, инчунин, маълумоти дар бораи худ пешниҳодкардаи озмудашаванда, ки тавассути саволнома ва анкетаҳо амалӣ карда мешавад, бахшида шудааст. Ҳамчун метод ва методикаҳои асосӣ аз методикаи худбаҳодиҳии дараҷаи иддаои Шварсландер, методикаи таҳқиқи худбаҳодиҳии шахс (Сергей Будасси), методикаи ташхиси муносибатҳои байнишахсӣ (Тимоти Лири), методи ташхиси фаврии эмпатия (И.М. Юсупов) истифода кардааст. Дар зербоби дуюм «Таҳлил ва тафсири натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда» озмоиши муқарраркунанда бо истифода аз усулҳои махсус интихобшуда, таҳлили ташхисию психологии ташаккулёбии хислатҳои шахсият дар наврасон гузаронида шудааст. Зербоби сеюм «Кори иҷтимоию психологӣ оид ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ» номгузорӣ шуда, сухан дар бораи сарчашмаҳои иҷтимоишавии шахс ва инкишофи ӯ меравад. Зербоби чорум таҳти унвони «Таҳлили динамикаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» доир ба маълумоти дар рафти омӯзиши таҷрибавӣ бадастомада аст, сухан меронад. Он имкон додааст, ки натиҷаҳои чор марҳилаи кори диссертатсионӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шавад. Аз рӯйи нишондодҳои бадастомада хулосаи умумиро таҳия карда, доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои мушаххас пешниҳод кардааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯйи 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопнамудаи диссертант

ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсияи номзадии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» тибқи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо ҚҲҶТ аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, № 295 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба тартиб даровaрда шудааст.

Фишурдаи диссертатсия низ ба аслияти худ пурра мувофиқат мекунад ва он хулосаҳое, ки бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ба таври мухтасар бозгӯи диссертатсия мебошанд.

Хулоса, он мақсад, вазифаҳо ва нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, дар диссертатсия ба таври пурра, батафсил инъикос ёфта, кори диссертатсионӣ ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Барои бисёр такрор нашудани баъзе калимаҳо аз муродифҳои мувофиқи илмии он истифода бурдан ба пурмазмунии кор муҳим шуморида мешавад.

2. Дар овардани номгӯйи адабиёт дар феҳрасти адабиёт низ яксонӣ дида намешавад ва дар таҳияи он ба ғалатҳои техникӣ, имлоӣ роҳ дода шуда, зикри нодурусти он ва адабиёти ба мавзуъ рабтнадошта оварда шудаанд, ки то андозае ин хилофи муқаррароти кори илмӣ аст. Номгӯйи на ҳама адабиёти дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ овардаву мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар феҳрасти адабиёт оварда шудааст.

3. Ҳангоми овардани иқтибосот аз осори илмии донишмандон ва фарҳангномаҳо, аксаран, суханони онҳо дар нохунак гирифта намешавад, ки ин боиси махлут шудани сухани муаллиф ва иқтибосот мегардад [саҳ. 29, 44 ва ғ.].

4. Дар таҳияи рисолаи илмии мавриди такриз баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, эродҳои ишорашуда ба паст шудани арзиши диссертатсия боис намешавад, кор бо услуби илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд. Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқаррizi расмӣ:**
Мудири шуъбаи инноватсия ва
психологияи таҳсилоти Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои психологӣ Н.Ф. Абдурашитов

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2;
E-mail: a_naimjon_f@mail.ru
Тел.: +992 (918) 50-21-45

Дурустии имзои Н. Абдурашитовро
«тасдиқ менамоям»
Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ М. Саидова

03.02.2025